# ХУЛОСАИ

## Комиссияи экспертии

**шурои диссертатсионии 6D КОА - 48 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба қабули диссертатсияи номзадии Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ- комуникатсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои табии таҳсилоти олии касбӣ.**

Дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА– 48 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба қабули диссертатсияи номзадии Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ- комуникатсионӣ», аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои табии (физика, таҳсилоти олии касбӣ) аз 19.07.2025 протоколи №1 комиссияи ташхис дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст:

1. **Холназаров С -** узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии ДДБ ба номи Носири Хусрав аз рӯи ихтисоси-13.00.01 раиси комиссия,
2. **Маҷидов Ҳамид** – узви шуро, арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи байналмиллалии мактабҳои олӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессори ДБССТ аз рӯи ихтисоси-13.00.02.01 - узви комиссия.
3. **Гуляев И** – номзади илмҳои педогогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02. назария ва методикаи таълими фанҳои табии таҳсилоти олии касбӣ узви комиссия.

Комиссия рисолаи номзадии **Аламова Хатичамо Туйбошиевнаро** таҳлил намуда, ба хулосае омад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Тайёр намудани омӯзгорони баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи муосир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, кормандони соҳаи маориф, олимон ва мутахассисони мамлакат дар ҷои аввал қарор дорад ва дар ҳалли муаммои мазкур нақши асосиро донишгоҳҳои олӣ мебозад. Ташаккул додани қобилияти истифодабарии технологияи

муосир донишҷӯён дар машғулиятҳои назариявию амалӣ, ки ба мукаммал гардонидани дониш, маҳорат ва малакаи онҳо таъсири мусбӣ расонида ба беҳтар шудани сифати таълим ва тарбияи салоҳиятнокии оянда асос мегузорад, масъалаи мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқот ба барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии мамлакат оид ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва таҷрибавӣ ба воқеъиятӣ обективӣ бештар созгор буда, мушаххасан роҳандозӣ ва беҳтар намудани таълими физика дар шароити кунунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омодасозии мутахассисони босалоҳияту касбӣ дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқ мебошад.

Мазмуну муҳтавои мавзуи диссертатсия ва автореферати  Аламова Хатичамо Туйбошиевна мубрам буда аҳмияти илмӣ дошта барои баланд бардоштани савияи дониши донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми омӯзиши физика  бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ- комуникатсионӣ  мақсаднок мебошад. Аз ҷумла барои дуруст ба роҳ мондани таълими илмҳои дақиқ, бахусус физика усулҳои гуногун ва самарабахшро бо таври муушаххас мавриди истифода қарор додааст, басоҳаи ихтиссоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои табии таҳсилоти олии касбӣ мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои дисертатсионӣ низ мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02- Назария ва методикаи фанҳои табиӣ(физика)) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқоқот ба талаботи феҳрести ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти дисертатсионӣ ба воситаи 23 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 18-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

Аз теъдоди интишороти довталаб бармеояд, ки талаботи банди 35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бо тағиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба нашри натиҷаҳои дисертатсия риоя гардидааст.

Мақсади таҳқиқот дар коркарди раванди омӯзиши фанни физика тавассути методи ташаккули салоҳиятмандии ТИК-и донишҷӯён ифода

меёбад. Баён гардидааст, ки барои дуруст ба роҳ мондани таълими илмҳои дақиқ, бахусус физика роҳу усулҳои гуногун ва самарабахшро мавриди истифода қарор додан лозим аст. Яке аз ин усулҳои самарабахш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми омӯзиши физика ин тавассути методи ташаккули салоҳиятмандии ТИК-и донишҷӯён ба шумор меравад.

Дар диссертатсия барои татбиқи ҳадафи гузошташуда, унвонҷу иҷрои вазифаи зеринро зарур донистааст:

- асоснок кардани самтҳои истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии омӯзгорони фанни физикаи умумӣ;
- шарҳ додани мазмуну моҳият ва муҳтавои тайёрии касбии омӯзгорони ояндаи фанни физикаи умумӣ дар заминаи истифодаи ТИК;
- истифодаи ТИК ҷиҳати муайян намудани шароитҳои педагогии омӯзгорони ояндаи фанни физикаи умумӣ ва асоснок намудани онҳо аз ҷиҳати назариявӣ.

Дар таҳқиқот масъалаҳои зерин ба асос гирифта шудаанд:

- дар шароити рушди динамикии технологияҳо таҳлил намудани тағйироти талаботи асоси ба фаъолияти касбии мутахассис;
- дар рафти омодасозии касбӣ ҳангоми омӯзиши фанни физика ҷузъҳои сохтории салоҳиятнокии ТИК-и донишҷӯёнро ошкор намудан;
- таҳқиқ намудани хусусиятҳои технологӣ ва мундариҷавии фанни физика ҳамчун фанни таълимӣ дар раванди омоданамоии касбӣ дар мустақилияти маърифатии ТИК-и донишҷӯён;
- дар раванди омӯзиши фанни физика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия намудани самтҳои асосии таъмини ташаккули салоҳиятнокии ТИК-и донишҷӯён;
- ошкор намудани дараҷаҳо ва меъёрҳои салоҳиятнокии ТИК-и донишҷӯёнро дар рафти омӯзиши фанни физика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ ва хулосаҳои таҳқиқотро мувофиқати натиҷаҳои асосии он бо самтҳои рушди фанҳои дақиқ дар Тоҷикистон, таҳлили байнифаннӣ, мутобиқати хулосаҳои ҳосилшуда бо матлабҳои асосии таҳлили сифатноки натиҷаҳои аз ҷамъбасти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада, кофӣ будани заминаи озмоишӣ, ки барои тавсифи сифатноки раванди сифатҳои ахлоқии донишҷӯён заруранд, мавқеъҳои методологии илми муосири психологӣ-педагогӣ ва фалсафӣ, истифодаи самараноки маҷмуи методҳо, ки ба предмет, объект, вазифаҳо ва ҳадафҳои таҳқиқот мувофиқанд, татбиқ намудани

тавсияҳои коркардшуда дар амалия таъмин менамояд.

Автореферат мазмуну мухтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

**Натиҷаҳои умумии экспертизаи комисияи экспертӣ.**

Диссертатсияи **Аламова Хатичамо Туйбошиевна** дар мавзуи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08–Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02- Назария ва методикаи фанҳои табиӣ(физика)) таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси бандҳои 57-60 - и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионии (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) комиссияи экспертии Шурои дисертатсионии 6D.КОА– 48 қарор менамояд:

**Қарори комисияи экспертӣ**

1. Диссертатсияи Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08–Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02-Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)) мутобиқ ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) омода гардида ба самти Шурои дисертатсионии 6D.КОА – 48 мувофиқ мебошад ва дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи Шурои дисертатсионии 6D.КОА- 48 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба ташкил ва баргузории ҳимояи такрори тавсия дода шавад.
2. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи пешбари диссертатсия Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» таъин карда шавад.
3. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии дисертатсия **Ойматова Ҳ** –доктори илмҳои техникӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ДДБ ба номи Носири Хусрав ва Истамов Ф. Х.,- номзади илмҳои физикаю математика дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими физика Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру паҳнкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани матни дисертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии ДДБ ба номи Носири Хусрав Холназаров С

Аъзои комиссияи экспертӣ:
Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи байналмиллалии мактабҳои олӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессори ДБССТ Маҷидов Ҳамид

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ Гуляев И

Имзои д.и.п. профессор Холназаров С., д.и.т. профессор Маҷидов Ҳ., ва н.и. п Гуляев И-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.